***Зулфонов Баҳром*** - *ходими пешбари илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

# РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ҶАВОНОН АЗ ҲАР ГУНА ҶИНОЯТКОРӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карданд, ки: «Солҳои охир терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст. Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд».

Ба масъалаи терроризму экстремизм таваҷҷуҳ карда, бори дигар ҳадаф ва моҳияти хатароварии онро дар зеҳнҳои худ ҳазм намуда, бояд дар ҳифзи марзу бум, ҷомеаи сулҳбунёд ва пешрафтаи худ хеле ҳушёру зирак ва эҳтиёткорбшем. Тавре Пешвои миллат таъкид карданд, террористу экстремист дину мазҳаб, миллат надорад. Дини Ислом ҳеҷ гоҳ куштору хунрезиро талқин намекунад. Баръакс, таълимоти Ислом, бахусус Қуръони азимушшаън, ки Каломи Худо аст, ваҳдат ва дӯстии миёни одамонро талқин мекунад.

Барои дарки чунин маъниҳои башардӯстона, аз байн бурдани нофаҳмию бесаводӣ ва пешгирии зуҳуроти номатлуб зарур аст, ки дар ниҳоди ҷавонону наврасон ҳувияти миллӣ, ҳисси ватанпарастӣ, маърифати динӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқиро баланд бардорем. Дар ин самт бояд аҳли ҷомеа, аз ҷумла, роҳбарону масъулони мақомоти маҳаллӣ дар якҷоягӣ бо омӯзгорону ходимони дин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот амал намоянд.

Ҳаёти сиёсии муосир аз ҷавонон ҳушёрӣ, зиракии сиёсӣ, ақлу хиради ташаккулёфтаро талаб менамояд. Ҳар як шаҳрванди солимфикр бояд аз рӯи донишу малака, ҷаҳонбинӣ, фарҳангу маърифати хеш дар раванди созанда ширкат варзида, дар ҳалли масъалаҳои баҳснок, қабули ин ё он қарор бояд масъулияти баландро ҳис намояд. Падару модарони ҷавонони имрӯзаи кишвар бояд баҳри баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ, тарбияи камолоти маънавӣ, таҳти назорати доимӣ қарор додани тамоми амалиёти фарзандон тадбирҳои мушаххас андешанд, то ки

фарзандони онҳо «бозича»-и дасти дигарон нагарданд ва ҳаёти худ ва Ватани маҳбубро дар хатар намонанд. Яъне ягона илоҷи раҳоӣ ёфтан аз фарогирии ҷавонон ба гурӯҳҳои террористӣ ин пеш аз ба вуҷуд омадани он чораҳои муассир баҳри тарбияи фарзанди комил андешидан мебошад. Дар рафти суханронӣ дар вохӯрӣ бо аҳли ҷамоатчигии мамлакат оид ба танзими расму оинҳо ва анъанаву маросимҳои миллӣ 24 майи соли 2007 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъияти ба вуҷуд омадаро ҳамаҷониба дарк намуда бо мавриди таъкид намуданд: ***«Воқеан, қисме аз мардуми мо бо сабаби зоҳирпарастии беасос ва дар иҷрои маросимҳо ва маъракаороиҳо пойбанди таассубу хурофот будани худ ва ба амалҳое даст мезананд, ки дар ягон гӯшаи дигари олам ба назар намерасад».***

Ҳамаи ин ғамхориҳо баҳри таъмини зиндагии осудаи мардум, дар натиҷаи машварат бо аҳли зиё ва уламои дину фаъолони кишвар ба даст омад, ки самараи хуберо ба бор овард. Боварӣ дорем, ки бо истифодаи дуруст ва татбиқи васеи ин санади меъёрӣ ҳуқуқӣ зиндагии мардуми Тоҷикистон боз ҳам осудаю пурсамар хоҳад гардид. Мақсади асосии Қонуни мазкур аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, паст кардани сатҳи камбизоатии мардум ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ иборат мебошад. Вазифае, ки дар назди худ Қонуни мазкур гузоштааст, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо бояд дар доираи дастовардҳои фарҳанги миллӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ амалӣ гарданд.

Дар тарбияи оилавӣ ҷои асосиро муносибати одилона ба олами атроф ва табиату бойгариҳои он ташкил медиҳад, ки қисми ҷудонашавандаи тарбияи ахлоқӣ мебошад. Барои тоҷикон табиат ҳамчун сарчашмаи ҳаёт хизмат менамояд ва дар тарбияи оилавӣ диққати асоси ба ташаккул додани меъёрҳои муносибати оқилона бо табиат ҷои асосиро ишғол менамояд. Ба насли наврас аз овони хурдсолӣ муносибати одилонаю оқилонаро бо ҳайвоноту парандагон, ба меваю сабзавот ва захираҳои табиӣ ёд додан зарур аст. Аз давраи хурдсолӣ падару модар дар бачагон ақидаҳои: «Як дарахтро буридӣ, даҳто шинон», «Дар ҷое об ҳаст, дар он ҷо фаровонист», «Падари бойгарӣ- меҳнат, замин ва табиат- модари он мебошад», «Одами бе ватан, монанди булбули бегулистон» аст. Ин гуфтаҳо бачаро ба фикр кардан ва ташаккулёбии муносибатҳои ахлоқӣ водор менамоянд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллат- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҷавонон омадааст: ***«Мо***

***барои ҷавонон чунин шароите муҳаё созем ва онҳоро тарзе тарбия кунем, ки фарзандони мо дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб намоянд, илму донишҳои муосирро аз худ кунанд, касбу ҳунарҳои замонавиро омӯзанд ва оянда мақоми арзандаи худро дар ҷомеа соҳиб шаванд».***

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳоло яке аз масъалаҳои мубрам ва ташвишовари ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҷумҳурии азизи мо авҷи терроризм ва ифротгароӣ мебошад.

Пӯшида нест, ки тафаккури ифротӣ, гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ва созмонҳои террористӣ чи дар минтақа ва чи дар миқёси ҷаҳонӣ барои осоиштагии кишварҳо хатарҳои ҷиддӣ эҷод намудаанд, аммо барои як инсони одӣ фаҳмиши терроризм, экстремизм ва радикализм душворӣ пеш меоварад.

Бояд гуфт, ки мутахассисон дар ин масъала андешаи ягона надоранд. То ҳол таърифи аз тарафи олимон ва таҳлилгарон қабулшудае мавҷуд нест. Ҳар соҳибназар, таҳлилгари касбӣ нисбат ба ин падидаҳо андешаҳои мухталиф дорад. Дар соҳаи омӯзиши табиати терроризм, экстремизм ва радикализм, шинохти он ҳамчун падидаи манфии ҷамъиятӣ тадқиқоти ҷиддие ҳанӯз анҷом наёфтааст. Олимон, соҳибназарону таҳлилгароне, ки ба омӯзиши ин се падидаи манфӣ пардохтаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд нестанд.

Бояд қайд кард, ки терроризм ин падидаи мушкили гуногунҷабҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ буда дорои таърихи чандасра ва хусусиятҳои равиявию мудҳиш мебошад, ки диққати ҷомеаи ҷаҳониро кайҳо боз ба худ ҷалб намудааст.

Дар асоси чунин дастгириҳо ва ғамхориҳо вз ҷониби Сарвари давлат соли 2017 соли ҷавонон эълон карда шуд. Ғайр аз ин ҳар сол санаи 23-юми май дар Тоҷикистон рӯзи ҷавонон бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашн гирифта мешавад. Ин ҷавони бонангу номуси тоҷикро водор мекунад, ки сазовори ин боварӣ бошанд ва Тоҷикистони азизи моро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд.